**ФАРМОИШИ**
**РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

---

**аз «31» 05 соли 2024** **№ 159/уи** **ш. Душанбе**

*Дар бораи додани унвони илмӣ*

Мутобиқи сархати 18 банди 9 ва сархатҳои 4 ва 10 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270), бандҳои 2, 4 ва 5, сархати 1 банди 38 ва банди 40 Тартиби додани унвонҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Ба 5 (панҷ) нафар довталабони дар замимаи фармоиши мазкур зикргардида, шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии дотсент дода шавад.
2. Мудири шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ (Ёров Э.А.) вазифадор карда шавад, ки барои таъмин ва барасмиятдарории 5 (панҷ) адад шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии дотсент чораҳои зарурӣ андешад.
3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Азизӣ М.М.) вазифадор карда шавад, ки барои дар мӯҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталабон чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2024, №6.

Раис КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН Давлатзода С.Х.

НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Замима
ба фармоиши раиси Комиссияи
олии аттестатсионии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «__»________ соли 2024, №____

Рӯйхати
довталабони дарёфти унвони илмии дотсент, ки ба онҳо шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии дотсент дода мешавад

| № | Насаб, ном ва номи падари довталаби дарёфти унвони илмии дотсент | Муассисае, ки барои сазовор донистани унвони илмии дотсент ба Комиссия дархостнома пешниҳод кардааст |
|---|---|---|
| 1. | Давлатшоев Саломат Каноатшоевич | Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон; дотсент аз рӯйи ихтисоси «Сохтмон» |
| 2. | Қосимов Абдунаби Абдурауфович | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ; дотсент аз рӯйи ихтисоси «Иттилоот, техникаи ҳисоббарор ва идоракунӣ» |
| 3. | Сулейманова Мутабар Абдулхаевна | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ; дотсент аз рӯйи ихтисоси «Сохтмон» |
| 4. | Умаров Мирали Ашуралиевич | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ; дотсент аз рӯйи ихтисоси «Маводшиносӣ» |
| 5. | Холмуратов Туробкул Рахимович | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ; унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси «Сохтмон» |